# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлатова Моҳшариф Олимовна дар мавзуи «Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари «Ҷен Эйр»-и Ш.Бронте) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод гардидааст.**

Диссертатсияи Давлатова Моҳшариф Олимовна ба таҳлили муфассали яке аз масъалаҳои мубрами тарҷумашиносӣ- номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаҳои бадеӣ – бахшида шудааст. Мавзӯи таҳқиқот хеле муҳим ва саривақтӣ буда, дар заминаи таҳлили муқоисавии матни аслии англисӣ ва тарҷумаҳои «Ҷен Эйр»-и Ш. Бронте) масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ баррасӣ мешаванд.

Муаллиф на танҳо хусусиятҳои семантикӣ, услубӣ ва таркибии воҳидҳои луғавиро таҳлил мекунад, балки омилҳо ва сабабҳои асосии номувофқатиро муайян намуда, пешниҳодҳоеро барои баланд бардоштани сатҳи тарҷумаи бадеӣ ифода менамояд. Аҳамияти илм ва амалӣ доштани тадқиқот бо доираи васеи маводи омӯхташуда ва истифодаи манбаъҳои мутамад собит мегардад.

Хадафи асосии диссертатсия – муайян кардани сабабҳо, намудҳо ва таъсири номувофиқатии луғавӣ ба сифати тарҷума ва таҳвили дурусту муассири матни аслӣ ба таври возеҳ дар тамоми ҷараёни кори илмӣ риоя шудааст. Маводи таҳқиқотӣ – романи «Ҷен Эйр» ва тарҷумаҳои он – барои татбиқи назариявӣ ва амалӣ комилан мувофиқ буда, интихоби он ҳамчун манбаи таҳлили саҳеҳ ва асоснок мебошад.

**Аз ҷумла, муҳимтарин ҷанбаҳои илмии ин тадқиқот иборатанд аз:**

1. Тасниф ва таҳлили комили намудҳои номувофиқатӣ ва фишурдасозӣ;
2. Баррасии таъсири забони миёнарав (русӣ) ва тарҷума бо тоҷикӣ;
3. Ҷудо намудани номувофиқатии саҳеҳ ва нодуруст, шиносоии камбудиҳои тарҷумавӣ;
4. Ташкили тавсияҳои амалӣ барои тарҷумонҳо ва омӯзгорони соҳа.

Дар диссертатсия якчанд хулосаҳои илмии муҳим баён гардидаанд, ки метавонад барои такмили назария ва амалияи тарҷума, бахусус тарҷумаи бадеӣ, ҳамчун заминаи боэътимод истифода шаванд. Муаллиф дар асоси таҳлили танқидӣ нишон медиҳад, ки номувофиқатӣ дар тарҷума на ҳамеша иштибоҳ маҳсуб мешавад, балки он метавонад нишонаи мутобиқсозии ҳадафмандона бо мақсади интиқоли дурусти маъно ва услуб бошад.

Маводи пешниҳодшуда дорои арзиши баланди амалӣ ва назариявӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад дар фанҳои «Тарҷумаи бадеӣ», «Назарияи тарҷума» ва «Муқоисаи сохтори забонҳо» истифода шаванд. Ғайр аз

ин, натиҷаҳо метавонанд барои тарҷумаҳои амалӣ, муҳаррирони тарҷума ва донишҷӯёни бахшҳои филология ва тарҷумашиносӣ раҳнамои муҳиме бошад.

Камбудиҳо дар автореферат:

1. Набудани шарҳи васеи методологияи тадқиқот. Дар автореферат меъёрҳои интихоби маводи таҳлил ва усулҳои асосии муқоисаи тарҷумаҳо бо тафсил шарҳ дода нашудаанд, ки барои арзёбии асоснокии хулосаҳо аҳаммияти муҳим доранд;

2. Дар баъзе саҳифаҳои он хатогии техникӣ ба назар мерасанд (9, 15).

**Хулоса:**

Диссертатсияи мазкур ҳамзамон, илман асоснок ва аз ҷиҳати амалӣ муҳим мебошад. Мавзӯи таҳқиқшуда ба илм навоварӣ меорад ва барои рушди минбаъдаи соҳа мусоидат менамояд. Таҳлил нишон дод, ки интихоби баробарии тарҷумавӣ аз маҳорати тарҷумон, дониши амиқи забонҳои муқоисашаванда ва қобилияти таҳлили контексти асил вобастагии калон дорад. Муқоисаи тарҷумаҳои русӣ ва тоҷикӣ бо матни аслии англисӣ нишон дод, ки ҳар як забон усули хоси ифодаи маъно ва таъсиргузорӣ ба хонандаро дорад. Омӯзиши типологияи номувофиқатӣ барои таҳияи принсипҳои умумии тарҷума ва баланд бардоштани сатҳи касбии тарҷумонҳо мусоидат мекунад. Муаллиф сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Номзади илмҳои филологӣ,
кафедраи забонҳои хориҷии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бегмуродзода Юсуф Эргаш

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Борбад – 130 / 1 В х-115
Тел.: (+992) 905110193
E-mail: begmurodov93@mail.ru

Имзои Ю.Э. Бегмуродзода-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус: Зоирхонзода Фаромӯз Зоирхон

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛО ПРОИЗВОДСТВА И СПЕЦЧАСТИ

**Суроға:** 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33;
Тел: / факс(+992 37) 224-17-86, 228-92-20,
сомона: www.apa.tj, E-mail: info@ apa.tj.

13.05.2025